Тақриз
ба диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи “Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Баъди соҳибистиқлолиро ба даст овардани халқи тоҷик забоншиносони тоҷик ҳадди имкон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки гузаштаву имрӯзаи забони модарияшон жарфтару комилтар омӯхта шавад. Маҳз ба шарофати даврони истиқлол аз ҷониби муҳаққиқон дар ин замина як силсила осори таҳқиқӣ рӯйи кор омаданд, вазъи ҳозираи забони тоҷикӣ бо даврони гузаштааш амиқан омӯхта шуданд, вале, бо вуҷуди ин, дар ин самт ҳоло низ қазияи зиёде мавҷуданд, ки ҳаллу фаслу онҳо интизори пажуҳиш ҳастанд. Яке аз чунин масоили камомӯхташуда хусусиятҳои истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар осори таърихӣ ба шумор меравад. Бино бар ин, диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи “Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII” мубрам ҳисобида шуда, он метавонад дар оянда барои кушода шудани нуктаҳои ҳалношудаи ин масъала ёрӣ расонад.

Муаллифи диссертатсия баъди дар муқаддима зикр кардани мубрамии мавзӯъ, дараҷаи омӯхташавии он, нишон додани мақсаду вазифаҳо ва монанди инҳо дар боби аввал ба таҳлили таҳаввули сабки баёни осори таърихии ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифгардида ва аз забони арабӣ тарҷумашуда рӯ оварда, дар қатори дигар сарчашмаҳои асрҳои миёна яке аз манбаъҳои муътамади омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ ба шумор рафтани онҳоро таҳлил кардааст.

Ҳамин тавр, дар бобҳои минбаъда унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки назарашро дар хусуси мансубияти забонии калимаҳои соматикӣ ва ғайрисоматикии дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дучоршуда, вожаҳои аслии тоҷикӣ, аслии тоҷикиву иқтибосии забонҳои дигари эронӣ, иқтибосҳои арабӣ, ҳолатҳои бакорбарии таркиб ва ибораҳои номиву феълӣ (бобҳои дуюму сеюм), вуҷуд доштани се навъи мувозиҳоро дар

байни ин гуна иборот: фонетикӣ, луғавӣ ва морфологӣ ошкор намояд (боби чорум), дарҷаи истифодаи калима ва ибораҳои рехтаи дар ифодаи марг истифодагардидаро дар таърихномаҳои ба забони форсӣ- тоҷикӣ навишташуда ва аз забони арабӣ тарҷумагардидаро ба риштаи таҳлил кашад (боби панҷум).

Ҳангоми мутолиаи ҳафт таърихномаи ба асрҳои X- XIII мансуб диссертант мавридҳои фаровони истифодаи воҳидҳои фразеологии нодирро дар чунин осор дучор шудааст ва ин гуна унсурҳои луғавии забонро дар боби шашум ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар баробари комёбиҳои намоён дар автореферати диссертатсия камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва китобат (с. 5, 7, 40) дучор мешаванд.
2. Дар саҳифаи шашуми автореферати диссертатсия таҳти рақами 44 ба ҷойи асари адабиётшинос А.Мирзоев, унвони монографияи Мирзоева М.М. омадааст, ки ислоҳи он ба беҳбудии кор аст.
3. Хуб мешуд, агар баъзе қисмҳои хулоса бо ҳамдигар муттаҳид карда шаванд.

Хулоса, диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи «Вижагихои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Монография ва мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расонидаи Ҷӯраева С. Б. мазмуни кори имлияшро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат намуда, мавзуи рисола ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад

Ба ин тариқ, диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи “Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII” ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ аст.

Муқарриз:
Доктории илмҳои филология,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Абодуллоева С.Ю.

Суроғa: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109 ,
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев
Почтаи электронӣ: safinaabodulloeva77@bk.ru
Тел.: (+992) 93 5342621.

Имзои профессор Абодуллоева Сафина Юсуповнаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

«15» декабри соли 2022

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ М. НАЗАРШОЕВ